«Тасдиқ мекунам»
директори Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон, академик
____________Пиризода Ҷ. С.
“__15__” ____08______2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи “Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли Вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи “Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли Вилояти Хатлон)”барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 2., 9., 16., 19. ва 25. - Шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунанд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масъалаи истифодаи самаранок ва устувори сарватҳои табиӣ ҳамчун омили муҳими рушди устувор ва таъмини амнияти экологии кишвар баррасӣ шудааст. Ин ҳуҷҷати стратегӣ таъкид мекунад, ки захираҳои табиӣ бояд ҳамчун сармояи табиӣ эътироф шаванд ва истифодаи оқилона ва устувори онҳо барои ҳифзи муҳити зист ва таъмини манфиатҳои наслҳои оянда муҳим аст.

Бинобар ҳамин яке аз омилҳои асосии рушди устувори фаъолияти иқтисодӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, истифодаи самаранок ва устувори сарватҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи оқилонаи ин захираҳо танҳо дар заминаи ташаккули ҳамкории мутақобилан судманд миёни ҷомеа ва муҳити зист имконпазир мегардад. Моҳияти ҳамоҳангсозии муносибати инсон бо табиат ва баланд бардоштани самаранокии истихроҷи захираҳои табиӣ дар шароити муосир, ки бо рушди ноустувори иқтисоди ҷаҳонӣ ва тағйирёбии пайвастаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тавсиф меёбад, аҳамияти афзояндаи иқтисодӣ касб намудааст.

Бо таҳкими равандҳои хоҷагидорӣ, масъалаи истифодаи захираҳои табиӣ хусусияти боз ҳам фарохтар касб намудааст. Талаботи рӯзафзуни корхонаҳои саноатӣ ба захираҳои табиӣ ва сатҳи баланди истеъмоли онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ боиси ба миён омадани хавфи норасоии ин захираҳо дар шароити маҳдудияти манбаъҳо гардидааст. Аз ин рӯ, истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои табиӣ ба яке аз масъалаҳои глобалии замони муосир табдил ёфтааст.

Дар шароити кунунии рушди иқтисодӣ, масъалаи истифодаи устувори захираҳои табиӣ аҳамияти стратегии худро нигоҳ медорад. Иқтисоди миллӣ дар сатҳҳои гуногун ба манбаъҳои табиӣ, аз қабили об, ҷангалзорҳо, канданиҳои фоиданок ва дигар захираҳо сахт вобаста мебошад. Ин захираҳо барои таъмини амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли неруи барқ, сохтмон ва рушди умумии иқтисодиёт нақши калидӣ мебозанд. Бо вуҷуди ин, сарватҳои табиӣ дорои хусусияти маҳдуд ва эҳтиёҷманд ба идоракунии устувор мебошанд. Истифодаи ғайриратсионалӣ ва идоракунии нодурусти онҳо метавонад ба коҳиши захираҳо, ифлосшавии муҳити зист, тағйирёбии иқлим ва аз байн рафтани гуногунии биологӣ оварда расонад. Дар чунин шароит, ташаккули низоми самараноки истифода ва ҳифзи захираҳои табиӣ ба масъалаи фаврии рӯз мубаддал гаштааст.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф аз адабиёти илмии муосир ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ дар самти истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ бо истифодаи эҷодкорона ва интиқодӣ баҳра гирифтааст. Ҳамзамон, дар асоси натиҷаҳои таҷрибаҳои амалӣ ва таҳлили оморӣ, муаллиф бо роҳи татбиқи методологияҳои гуногуни таҳқиқотӣ аз ҷумла, усули муқоисавӣ ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқотиро пурра амалӣ намудааст. Дар маҷмӯъ, робита байни нуқтаи назари назариявӣ ва натиҷаҳои эмпирикӣ бо риояи меъёрҳои этикии таҳқиқотӣ ва талаботи стандартӣ пурра кафолат дода шудааст, ки ин ба сатҳи баланди илмии диссертатсия ва қобилияти татбиқи амалӣ ва стратегӣ пешниҳодот таъсири маҷмӯъан устувор мебахшад.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона ва боҷуръатона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст ва мустақилона бо факту рақамҳои оморӣ вобаста ба мақсади таҳқиқот гирд оварда, коркард ва натиҷагирӣ намудааст.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Дар диссертатсия асосноккунии ҷанбаъҳои назариявӣ-методӣ ва амалии истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ таҳқиқ гардида,

тавсияҳои илман асоснокгардида оид ба мукаммалнамоӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёти минтақа илман асоснок гардидааст.

Ба ҳимояи аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида, нуқтаҳои зерини паҳлуҳои илмӣ-назариявӣ ва услубӣ оид ба истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа ва дар заминаи он самтҳои афзалиятноки истифодабарии ин захираҳои табиӣ дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ пешниҳод гардидааст, ки дорои унсурҳои зерин навгонии илмӣ мебошад:

- дар кори диссертатсия ҷанбаҳои илмиву назариявии иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ ғояҳои истифодаи самараноки иқтидори табиии кишвар ошкор гардидааст. Назарияҳои гуногун оид ба истифодаи захираҳои табиӣ барои муайян намудани нақш ва мақоми сарватҳои табиӣ дар рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар имконият дод, ки самтҳои афзалиятнок ва мақсади асосии истифодабарии захираҳои табиӣ дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ исбот гардад;

- самтҳои асосии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар давлатҳои хориҷӣ таҳлил гардида, дар асоси онҳо вариантҳои имконпазири истифодаи таҷрибаи хориҷӣ барои кишвар асоснок гардидаанд;

- сарватҳои табиии минтақа чун омили рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон таҳлил гардида, имкониятҳои рақобатпазирӣ ва иқтидори калони табиии он дар рушди ояндаи минтақа аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

- вазъи истифодабарии иқтидори вилояти Хатлон,ба таври муфассал таҳлил гардида, дар заминаи он омилҳое муайян карда шудаанд, ки барои истифодаи самаранок мусоидат карда метавонанд;

- усулҳои арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири он ба таъмини ҳифзи муҳити зист ошкор гардида, дар асоси онҳо самаранокии истифодаи иқтидори табиию захиравии минтақанишон дода шудааст;

- самтҳои асосии истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон ошкор гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтаргардонӣ ва такмили танзими давлатии онҳоқобили қабул мебошад. .

**5. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда барои баланд бардоштани истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ, ташаккули идоракунии истифодабарӣ ва такмили танзими давлатӣ ва ғайра асос гардида, ҳамчун асосҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба масоили таъминоти захираҳои табиӣ ва мавзуи баҳси олимон ва коршиносон гарданд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада аз он иборат аст, ки ҷамъбасти назариявӣ ва тавсияҳои методологии дар диссертатсия пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти хоҷагидории вилояти Хатлон, дар заминаи таъмини фаъолияти устувор ва такмили идоракунии онҳо, татбиқ карда шаванд.

Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ва дар барномаҳои бакалаврӣ ва магистратураи ихтисосҳои дахлдор истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар муайян намудани самтҳои асосии рушди истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ, арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири он, иҷроиши стратегию барномаҳо, азнавсозӣ, тамоюлҳои амалишавии таъминоти молиявӣ, инчунин рушди устувори соҳа аҳамияти амалӣ доранд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва услубии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти рушди истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ ва бо такя ба маҷмуи усулҳои назариявӣ ва амалӣ мутобиқ ба мавзуъ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёбад.

Самтҳои стратегии низоми таъминоти захираҳои табиӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии соҳа ва истифодаи дурусти он пешниҳод гардидаанд. Асоснок карда шудааст, ки сарватҳои табиӣ ин қисмҳои ҷузъи табиат мебошанд, ки ҳамчун воситаи истеҳсолот, объектҳо ва воситаҳои меҳнат ва молҳои истеъмолӣ дар сатҳи муайяни тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда истифода мешаванд.

Дараҷаи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва хулосаву тавсияҳои дар он инъкосёфта зимни арзёбии шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, арзёбии натиҷаҳо дар конфронсу , семинарҳои илмӣ ва симпозиумҳо, тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳодгардида, омӯзиши дастҷамъонаи усулҳои мувофиқ ба масъалаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ва нашри маводи илмии таҳқиқот ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия оварда шуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро дар бахши истифодабарии сарватҳои табиӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодабарии он дар рушди минбаъдаи минтақаи Хатлон эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни илмӣ, ба мисли усулҳои таҳлили иқтисодӣ, мантиқӣ, системавӣ, монографӣ, баҳодиҳии экологӣ-иқтисодӣ, инчунин усулҳои илмии пешгӯӣ ва муқоисавии таҳлил истифода карда шудаанд.

Шиносоӣ бо мундариҷаи дисссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона ва боҷуратона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст ва мустақилона бо факту рақамҳои оморӣ вобаста ба мақсади таҳқиқот гирд оварда, коркард ва натиҷагирӣ намудааст.

**7. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ.** Ҳамаи марҳилаҳои тавсиявию таҳрезии диссертатсия бо иштироки бевоситаи муаллиф, ба монанди интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва аҳамият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот гузаронида шудаанд. Муаллиф таҳия ва санҷиши

муқаррароти методологиро оид ба масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳоро бо нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳа анҷом додааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Маводҳои интишоршудаи муаллиф, хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамояд. Муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 7 мақолаи илмиро ба чоп расонидааст, ки аз он 4 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конфронсҳои илмию назариявӣ ва амалию ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд.

**9. Мутобиқати тасдиқи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи “Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли Вилояти Хатлон) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодшуда аз муққадима, се боб, хулоса, пешниҳодот ва руйхати адабиёт иборат мебошад. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 180 саҳифа оварда шудааст, 19 ҷадвал, 3 диаграмма ва 8 расмро дар бар мегирад. Руйхати адабиёт аз 177 номгуй иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шудаанд. Инчунин асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқот, дараҷаи

эътимоднокии натиҷаҳо, навгонии илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тафсир шудааст (с. 3-12).

**Дар боби якум** “Ҷанбаҳои илмии истифодабирии сарватҳои табиӣ дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ” моҳияти иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ ва масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд. Инчунин, дар боби мазкур ҷанбаҳои иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ дар кишварҳои хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст(с. 13-53).

Дар асоси таҳқиқ ва таҳлили васеъи корҳои илмӣ оид ба масоили мазкур муаллиф иброз менамояд, ки ҷиҳати таҳияи назария ва амалияи илмии истифодаи захираҳои табиӣ дар заминаи дастовардҳои инноватсионӣ баррасӣ намудани муқаррароти мухталифи назариявӣ, ки ба муайян намудани мазмун, моҳият, мундариҷаи иқтисодии масъалаи баррасишаванда алоқаманданд, муҳим мебошад. Ба ақидаи диссертант, мазмуни асосии масъалаи баррасишаванда аз нуқтаи муҳими услубию методологӣ иборат буда, заминаи асосии таъминоти унсурии он истифодаи самараноки равишҳои инноватсионӣ ва таъмини сармоя барои рушди мунтазам ва дастрасӣ ба захираҳои табиӣ дар шароити бозор мебошад.

Аз таҳқиқотҳои муаллиф маълум гардидааст, ки захираҳои табиӣ, чун қоида, як ҷузъи таркибии низоми иқтисодиёт маҳсуб ёфта, дар баробари меҳнат, қувваи корӣ ва дигар омилҳо ҳамчун яке аз омилҳои асосии истеҳсолот барои таъмини молу хизматрасонӣ нақши басо муҳим мебозанд.

Ҳар як сармояи аллакай истифодашуда сарватҳои табииро дар бар мегирад. Нақши сарватҳои табиӣ, гарчанде гуногун бошад ҳам, барои рушди босуботи иқтисодӣ басо муҳим мебошад. Имрӯз масъалаҳои истифодабарии оқилонаи бойигарии табиӣ ва проблемаҳои экологӣ ва тағйирёбии иқлим на фақат ба минтақаҳои алоҳида, балки ба тамоми кишварҳо қодиранд таъсири хешро расонанд. Бинобар ин, чунин мушкилот имрӯз хусусияти байналмилалиро пайдо карда, барои тамоми дунё яке аз проблемаҳои пешбаранда маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ дар кишвар самти муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин, нигаҳдории сарватҳои табиӣ ва истифодаи сарфакорона ва оқилонаи онҳо барои оянда бинобар сабаби маҳдуд будани онҳо аҳаммияти махсуси илмиву таҷрибавӣ пайдо мекунад.

Сарватҳои табиӣ ҳамчун сармояи кишвар дар бисёр маврид ба ҳайси сарчашмаи иловагӣ баромад намуда, ҳамчун воситаи муҳим дар ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии давлатҳо низ нақши калидиро иҷро менамоянд (с. 16-23).

Диссертант дар раванди таҳқиқот оид ба яке аз масъалаҳои муҳимми фаъолияти хоҷагидории кишвар дар шароити рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва дар заминаи он таъмини рушди босуботи иқтисодиро мавриди таҳлил қарор дода, чунин мешуморад: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи таббиӣ мебошад, истифодаи пурра ва оқилонаи онҳо метавонанд дар таъмини рушди иқтисодиву технологӣ заминаи калон гузорад.

Аз ин рӯ, истифодаи захираҳои табиӣ ва дар заминаи он баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон муносибати системавиро талаб менамояд. Дар ин ҷо сухан дар бораи муқаррарнамоии имкониятҳои мавҷудбуда ва истифодабарии онҳо дар сатҳи муосири рушди илму технология меравад. Инчунин, дар ин ҷараён ҳаҷми захираҳои табиӣ, сифат ва шароити истифодабарӣ, дараҷаи азхудкунии бойигарии табиӣ, тартиби интиқол, нархгузорӣ ва талаботҳои экологӣ арзёбӣ намудан лозим аст.

Дар ҷадвали 1.3 (с. 28-29) принсипҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ ба таври мушаххас оварда шудааст. Бояд қайд кард, ки дар раванди истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ риояи принсипҳои оқилона бояд амалисозӣ гардад. Ин ба истифодабарандагон имконияти ба даст овардани самараи муфид ва идоракунии босамари сарватҳои табииро дар минтақаҳои кишвар медиҳад. Бинобар ин, истифодабарии захираҳои табииро тавассути ҷорӣ намудани принсипҳои рушди устувор, афзоиши дарки аҳаммияти табиат ва сарватҳои табиӣ ва соҳибкорӣ ба рушди устувор ташаккул додан лозим меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои таъмини истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ банақшагирии стратегӣ дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ҳадди аксар расонидани самаранокии истифодаи захираҳо, пешгирии хавфҳо ва кам кардани зарар ба муҳити зист аз қабили ҳадафҳои ниҳоӣ маҳсуб меёбанд. Аксарияти иқтисодчиён ва мутахассисони соҳа бар он ақидаанд, ки фақат дар ҳолати муносибати дуруст ва диверсификатсиякунонии фаъолияти хоҷагидорӣ истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ имконпазир мегардад.

Ба андешаи унвонҷӯ истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ роҳҳо ва воситаҳои зиёд дорад. Яке аз онҳо истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ бо роҳи маҳдуд кардани истеъмоли онҳо мебошад. Имрӯз ташаккулёбии иқтисодиёти сабз самти муҳим дар сиёсати дохилии кишвар эътироф гашта, истифодабарии бойигарии кишвар, таъмини истиқлолияти технологӣ ва рушди истеҳсолот бояд бо дарназардошти истифодаи оқилона ба роҳ монда шаванд (с. 24-38).

Диссертант қайд намудааст, ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки барномаҳои рушди минтақаҳо бояд мақсадҳои зеринро дар бар гиранд: тақсимоти оқилонаи истеҳсолот; рушди устувори захираҳо ва муҳити зист; таъмини шароити муътадили иқтисодӣ.

Бояд қайд кард, ки дар кишварҳои саноатӣ имрӯз масъалаи нигаҳдории муҳити зист аз ифлосшавӣ яке аз самти муҳимми фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Новобаста аз он ки сарватҳои табиӣ сарчашмаи даромади калон дар ин кишварҳо эътироф шуда бошад ҳам, дар ҷараёни истихроҷ, коркард ва истеҳсоли пурраи маҳсулот мубориза бар зидди ифлосшавӣ дар мадди аввал меистад. Муаллиф дар ҷадвали 1.5 (с. 42) механизмҳои иқтисодии мубориза бо ифлосшавӣ дар кишварҳои рушди саноатӣ пешниҳод намудааст, ки ҷолиби диққат аст.

Вобаста ба масъалаи мазкур, бояд қайд кард, ки истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва танзими давлатии он яке аз самти муҳимми рушди

фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар ба шумор меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки аҳаммияти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми азхудкунии захираҳои табиӣ ба технологияи инноватсионӣ дастрасӣ пайдо карда, маҳсулнокии қувваи кориро баланд бардорад. Ифтитоҳи бештари бозорҳои байналмилалӣ боиси афзоиши содироти маҳсулоти тайёр мешавад ва ба кишвар даромад меорад (с. 41-52).

**Дар боби дувум** "Таҳлили истифодабарӣ ва арзёбии иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон" масъалаҳои арзёбии иқтисодии иқтидори захираҳои табиии дар минтақа ва таҳлили омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин, дар боби мазкур арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба рушди минтақа баррасӣ гардидааст (с. 54-101).

Қобили қайд аст, ки истифодаи захираҳои табиӣ ба рушди иқтисодӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Таъсири манфии онҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд дар суръати истифодаи ғайриоқилона ба муҳити зист таъсир расонанд. Бинобар ин, истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ бисёр масъалаи нозук буда, идоракунии раванди мазкур бояд ҷиддӣ ба роҳ монда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бойигарии кишвар, махсусан сарватҳои табиӣ, барои воридоти маблағи иловагӣ ва таъмини ҳаёти арзанда барои шаҳрвандон сарчашмаи махсус таъкид мегарданд.

Тавре маълум аст, самаранокии тамоми фаъолият аз руйи гирифтани фоида бидуни хароҷот муайян мегардад. Самаранокии иқтисодии истифодабарии захираҳои табиии вилояти Хатлонро муаллиф чунин арзёбӣ намудааст, чадв. 2.3 (с.58). Таҳлилҳои унвонҷӯ нишон медиҳанд, ки дар вилояти Хатлон аз ҳама даромаднок захираҳои обӣ ба шумор рафта, коэффитсиенти он ба 150% баробар мегардад. Захираҳои обӣ, пеш аз ҳама, барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва гидроэнергетика истифода бурда шуда, аз ин сабаб, умуман, дар кишвар даромаднок арзёбӣ мегардад. Самаранокии он, инчунин, аз ҳисоби хароҷоти кам ифода мегардад.

Бояд таъкид кард, ки барои таъмини рушди иқтисодиёти минтақа дар вилоят захираҳои калони табиӣ мавҷуд мебошад. Дар сурати оқилонаи истифодабарӣ ва идораи самараноки онҳо таъмини дастрасии одилона ва ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ имконпазир мегардад.

Аз нуқтаи назари муаллиф, қайд кардан зарур аст, ки соҳаи кишоварзӣ, инчунин, бо истифодабарии сарватҳои табиӣ алоқамандии бевосита дорад. Бояд қайд кард, ки сарватҳои табиӣ аз қабили замин, захираҳои обӣ, энергияи шамолию офтобӣ ва монанди инҳо барои рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ шарти муҳим арзёбӣ мегарданд. Аз ин лиҳоз, соҳаи кишоварзӣ дар заминаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ метавонад маҳсулоти хушсифатро истеҳсол намуда, рақобатпазирии соҳаро

таъмин намояд. Бинобар ин, соҳаи кишоварзӣ ҳамчун самт ё фаъолияте эътироф мешавад, ки дар асоси истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ рушд мекунад (с. 54-62).

Диссертант чунин меҳисобад, ки иқтидори табиӣ сарчашмаи асосии баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба ҳисоб рафта, масъалаи мубрами сиёсати иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Иқтидори табиии минтақа ба захираҳои хос, ландшафтҳо ва муҳитҳои мавҷуда дахл дорад ва дар сурати самаранок истифода бурдани онҳо метавонанд ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа мусоидат кунанд расми 2.1 (с.66). Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми арзёбии иқтидори табиӣ дастрасӣ ба сарватҳо, натиҷаҳои экологӣ, самаранокии иқтисодиву дигар омилҳоро ба назар гирифтан лозим меояд. Инчунин, имкониятҳои технологӣ низ дар ин ҷо аҳаммияти калон доранд. Дар ин ҷо сухан дар бораи истифодаи технологияи муосир дар истихроҷ ва дастрас намудани захираҳо меравад.

Арзёбии иқтисодӣ ва таҳлили истифодабарии захираҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон дар ҷадвали 2.6 ( с.68) аз ҷониби унвонҷӯ овардашуда хеле диққатҷалбкунанда буда, тибқи маълумот  вилояти Хатлон дорои захираҳои табиии фаровон буда, метавонад ҳамчун пояи боэътимод барои рушди устувори минтақа ва тақвияти равандҳои истеҳсолӣ дар миқёси кишвар хизмат намоянд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки нуқтаи асосии азхудкунии сарватҳои табиии минтақа маҷмуи омилҳо ва шароитҳое мебошад, ки суръат ва миқёси истифодаи онҳоро муайян мекунанд, асоснокӣ ва типологияи онҳо имкон медиҳанд, ки тавсияҳои баҳисобгирии дифференсиалии онҳо барои ҳар як намуди захираҳо таҳия карда шаванд.

Диссертант дуруст қайд кардааст, ки  конҳои мавҷудбудаи вилоят 34%-и онҳо то имрӯз мавриди истифода қарор дода шудаанд. Аз ҳаҷми умумии онҳо инчунин 35-тои дигар то ҳол бинобар сабабҳои гуногун коркард шуда наметавонанд. Албатта, дар ҳолати пурра аз худ кардани конҳои боқимонда дар заминаи самаранок истифода бурдани иқтидори калони неруи инсонӣ ва сарватҳои табиӣ ва инчунин дастгирии давлатӣ дар шакли пешниҳоди имтиёзҳову расонидани кумаки молиявӣ минтақаро ба сатҳи нави рушд баровардан имконпазир мегардад.

Вобаста ба масъалаҳои татбиқи манфиатҳои стратегии кишвар, бояд қайд кард, ки минтақаи Хатлон дар сурати истифодаи самаранок ва идораи оқилонаи онҳо метавонад нақши калонро иҷро намояд (с.70-79).

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори калони табиӣ доранд ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи бойигарии табиӣ барои татбиқи афзалиятҳои иқтисодӣ шарти муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тавр диссертант иброз менамояд, ки дар раванди азхудкунӣ ва истифодаи бойигарии табиӣ минтақаҳои кишвар ба муаммоҳои зиёд дучор мегарданд. Барои ошкор намудани имкониятҳо ва хатарҳои муосир дар самти истифодаи самараноки захираҳои табиӣ зарурати гузаронидани

таҳлили SWOT ба миён меояд ва аз ҷониби муаллиф SWOT таҳлили истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон дар ҷадвали 2.7 (с.83) мавриди омӯзиш гирифта, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи истифодаи захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон таҳлил гардид ва афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои марбут ба истифодаи онҳо муайян карда шуд. Ин барои таҳияи стратегияҳои устувори идоракунии захираҳо ва пешгирии таъсири манфӣ, аз қабили тамомшавии захираҳо, офатҳои экологӣ ва бад шудани сифати зиндагӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ метавонад ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоидат намуда, дар таҳкими рушди муносибатҳои истеҳсолӣ заминаи устувор гузорад. Дуруст дарк кардан зарур аст, ки татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар заминаи истифодаи васеи бойигарии табиӣ имконпазир мегардад. Дар татбиқи чунин тадбирҳо истифодаи оқилона ва самараноки сарватҳои табиӣ шарти муҳим ба шумор меравад. Сарватҳои калони табиии минтақа метавонанд дар ин самт саҳми калон гузоранд. Бо назардошти муносибати ҳамаҷониба ба масъалаи таъмини суботи иҷтимоию иқтисодии кишвар, бояд қайд кард, ки яке аз масъалаҳои муҳимтарин маблағгузории соҳа ба шумор меравад. Бояд дуруст дарк кард, ки хароҷот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ яке аз вазифаҳои асосии рушди устувори экологӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Ба андешаи муаллиф мавҷудияти иқтидори калони захираҳо худ ба худ наметавонанд ба рушди фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир расонанд. Фақат дар ҳолати кашф, истихроҷ ва идоракунии дурусти истифодабарӣ онҳо метавонанд ба омили рушд табдил гарданд. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки сиёсати дурусти нархгузорӣ, идораи самараноки равандҳои истеҳсолӣ, воридоти сармояи хориҷиву технологияи пешқадам, омодагии кадрҳои баландихтисос ва монанди инҳо аз қабили тадбирҳое маҳсуб меёбанд, ки дар самти истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ талаботи калидӣ ба ҳисоб мераванд.

Диссертант дуруст қайд менамояд: “захираҳо бояд тавре истифода шаванд, ки барои наслҳои оянда фазои кофӣ дошта бошанд”. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи захираҳо набояд ба камшавии онҳо ё таназзули муҳити зист оварда расонад (с. 81-101).

**Дар боби сеюм** “Мукаммалнамоӣ ва танзими давлатии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон” баррасӣ гаштааст.

Ҳамчунин, дар ин боб роҳҳои такмилдиҳии истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон ошкор гашта, танзими давлатии истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар минтақа илман асоснок карда шудааст (с.102-151).

Ба андешаи диссертант, дар шароити гузариш ба модели нави фаъолияти хоҷагидорӣ дар заминаи истифодабарии бойигарии кишвар ва рушди сармояи инсонӣ азхудкунӣ ва фурӯши иқтидори минтақаҳои кишвар барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ заминаи устувор мегузорад. Истифодаи

оқилонаи захираҳои табиӣ ба минтақа имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои устувор ва дарозмуддати даромад ба вуҷуд оранд. Ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад ва вобастагӣ аз бозорҳои ноустуворро коҳиш медиҳад. Илова бар ин, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба ҳадди ақал кам кардани таъсири истихроҷ ё истеъмоли ин захираҳо мусоидат мекунад. Ин барои ҳифзи экосистемаҳо, гуногунии биологӣ ва пешгирии тағйирёбии манфии иқлим муҳим аст.

Аз ин лиҳоз диссертант қайд менамояд, ки дар таҷрибаи хоҷагидорӣ барои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии сарватҳои табиӣ усулҳои гуногун коркард карда шудаанд. Усулҳои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон дар расми 3.2 (с.108) аз ҷониби муаллиф коркард карда шуда, пешниҳод гардидааст. Аз расм бармеояд, ки усулҳои истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа бисёр буда, аз татбиқи ҳамоҳанги онҳо рушди иқтисодиёти минтақа вобастагии калон дорад. Бартарии тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ мушоҳида кардан мумкин мебошад. Дар иқтисодиёти ҳозира соҳаҳои хоҷагии халқ, саноат, нақлиёт, хоҷагии қишлоқ, савдо, маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва бисёр соҳаҳои дигарро дар бар мегирад, равшан зоҳир мегардад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар ҳама давру замон имкониятҳоро барои тиҷорати истеҳсолот васеъ мегардониданд. Худи мақсади истифодаи оқилонаи сарватҳо низ аз ҳамин чиз иборат мебошад.

Масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, ба ташкили такрористеҳсол, ҳифзи захираҳои табиӣ, истихроҷ ва коркарди пурраи ашёи хом дар дохили кишвар, рушди соҳаҳои илмталаб ва монанди инҳо дахл дорад. Инчунин, дастгирии оммавии ашёи хоми дуюмдараҷа, таҳияи усулҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи иктишофи геологӣ ва истихроҷи ашёи хоми маъданӣ ва инчунин, таъсиси инфрасохтори муосир, аз қабили шартҳои муҳимми рушди фаъолияти хоҷагидории минтақа дар самти истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ба ҳисоб меравад (с.102-115).

Қайд намудан бамаврид аст, ки яке аз омилҳои асосии истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иштироки давлат тавассути тадбирҳои танзимкунанда, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид ва дастгирии зарурӣ нигаронида шудааст, мебошад. Нақши танзими давлатӣ дар самти самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ дар сатҳи минтақавӣ бо як қатор омилҳои асосӣ, аз ҷумла, таъмини суботи экологӣ, мусоидат ба рушди иқтисодӣ, ноил шудан ба адолати иҷтимоӣ, пешгирии ҳолатҳои низоӣ ва вокуниш ба чолишҳои ҷаҳонӣ муайян карда мешавад.

Унвонҷӯ танзими давлатиро ки ҳамчун истифодаи самараноки бойигарии табиии минтақа маҳз барои татбиқи чораҳои зикргардида қодир аст, пояи устувори иқтисодиву сармоягузорӣ мешуморад. Ба андешаи муаллиф маҳз давлат қодир аст, тавассути ҷалби сармоя ва таҳкими

ҳамкориҳои судманд сармояи инсониро рушд дода, қаламрави азхуднакардаи минтақаи Хатлон ва умуман кишварро ошкор ва аз худ кунад.

Муаллиф танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақаҳо маъмулан чорабиниҳо ва сиёсати мухталиф шуморида, идоракунии самараноки истифода ва ҳифзи захираҳои табииро дар минтақа зарур мешуморад.

Ин тадбирҳо вобаста ба хусусиятҳои хоси минтақа, хусусиятҳои экологии он ва талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ метавонанд гуногун бошанд, ки унвонҷӯ дар ҷадвали 3.2 (с.125) чораҳои танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақаро пешниҳод намудааст. Муаллиф чунин андеша дорад, ки татбиқи чораҳои баррасигардида имконияти истифодаи самараноки иқтидори табиӣ фароҳам меорад. Маҳз давлат ба воситаи механизмҳои танзимкунанда устувории экологӣ ва истифодаи самараноки сарватҳоро дар минтақа таъмин менамояд.

Ҳамин тавр диссертант қайд намудааст, ки ҳоло ҳам минтақаҳои кишвар аз маблағгузории давлатӣ сахт вобастагии калон дошта, барои ба худтаъминкунӣ корҳои зиёдро ба анҷом расонидан зарур меояд.

Бинобар ин тадқиқот нишон медиҳад, ки аз ҳаҷми умумии субвенсияҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии буҷетҳои маҳаллӣ ба минтақаҳо пардохта мешавад, 53,9 фоиз ба вилояти Хатлон, 21,6 фоиз ба ВМКБ ва 24,5 фоиз ба НТҶ рост меояд (с. 127).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар шароити имрӯза кишвар ва минтақаҳо дар масъалаи истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ҳанӯз ба мушкилоти зиёд ва ҷиддӣ дучор мешаванд. Ба андешаи муаллиф ин муаммоҳо барои тараққиёти иҷтимоӣ ҳам имкониятҳои калон ба вуҷуд меоваранд. Албатта, муаммоҳо ва дурнамои танзими давлатии захираҳои табиӣ дар ҳар як минтақаи кишвар метавонанд гуногун бошанд ва аз хусусиятҳои хоси минтақа вобастагӣ доранд, ки аз тарафи унвонҷӯ мушкилот ва дурнамои танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақа дар ҷадвали 3.3. (с.130) таҳия гардида, пешниҳод шудааст. Бо иртибот ба мавҷудияти мушкилот, диссертант қайд менамояд, ки танзими нокифояи мақомотҳои минтақа метавонад ба мушкилоти экологӣ, аз қабили ифлосшавии об ва ҳаво, буридани ҷангалҳо, таназзули хок ва аз даст додани гуногунии биологӣ оварда мерасонад.

Инчунин, маблағгузории нокифоя метавонад монеаи ҷиддӣ барои идоракунии самараноки захираҳои табиӣ бошад, ки боиси сӯиистифода аз захираҳо ва саркашӣ аз меъёрҳо гардад. Манфиатҳои гуногуни марбут ба ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ метавонанд ихтилофҳоро ба вуҷуд оранд, ки таҳия ва татбиқи стратегияҳои мутавозини идоракуниро душвор гардонанд. Набудани иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ дар раванди қабули қарорҳо метавонад қонунӣ ва самаранокии танзими давлатиро коҳиш диҳад. Ҳамин тариқ, муаллиф дар асоси таҳлилҳои диссертатсионӣ, барои беҳтар намудани танзими давлатии

захираҳои табиӣ дар минтақа тавсияҳои зеринро пешниҳод менамояд (с. 133).

Аз ҷониби диссертант ҷалби сармояи хориҷиву ватанӣ барои азхудкунӣ ва истифодаи самараноки сарватҳои табиии минтақа басо муҳим арзёбӣ мегардад. Истифодаи пурраи сарватҳои табиии минтақа на фақат барои рушди вилояти Хатлон, балки барои дигар минтақаҳо ва умуман, барои тараққиёти устувори кишвар пояи устувор мегузорад.

Таҳлилҳои унвонҷӯ нишон медиҳанд, ки воридоти сармояи хориҷӣ то соли 2023 дар вилояти Хатлон 1014,6 млн доллари амрикоӣ ташкил дода, барои амалисозии тадбирҳои иқтисодии минтақа заминаи калони молиявӣ мегузорад. Инчунин қайд менамояд, ки барои вилояти Хатлон, ки иқтидори калони сарватҳои табииро дорад, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи иловагӣ барои азхудкунӣ ва истихроҷ аҳаммияти калон дорад.

Аз нуқтаи назари тадқиқоти муаллиф, бояд қайд кард, ки барои таҳкими равандҳои сармоягузории истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон усулҳо ва стратегияи муосирро таҳия намудан лозим меояд. Усулҳои муосири ҷалби сармоягузорӣ ба истифодаи захираҳои табиӣ дар минтақа равишҳо ва стратегияҳои гуногунро дар бар мегиранд, ки дар ҷадвали 3.6. (с. 147) унвонҷӯ пешниҳод менамояд. Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ҳамчун яке аз омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти минтақа барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ мегузорад (с. 120-151).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои асосӣ аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ, тавсияҳои судманд барои рушди сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ анҷом ёфта, аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст (с.152-156).

**11.** Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии Зуҳуров Бахтиёр Искандарович ба ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**12. Эъродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Таҳлилу таҳқиқи мавзӯъ, баррасии мушкилоти ҷойдошта, исботи воқеияти навгониҳо ва пешниҳоду таклифотҳоро оид ба истифодабарии самараноки сарватҳои табиии минтақа нишон дод, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбии диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад:

1. Аз ҷониби диссертант ҷанбаҳои иқтисодии илмию назариявии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба таври васеъ омӯхта нашудааст. Ақидаҳои олимони ватанӣ камтар назаррас шудааст.

2. Муаллиф зарурати ҷорӣ намудани системаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои табииро дар корхонаҳо асоснок кардааст. Аммо, ин

масъала дар қисми амалии хулосаҳо ва пешниҳодҳо фарогирии мушаххас нагирифтааст.

3. Бояд миқёси самаранокии иқтисодӣ ва тамоми таъсири имконпазирро дар сурати татбиқи амалии пешниҳодҳои довталаб ба таври релефӣ нишон дод.

4. Дар диссертатсия бояд бештар ба таҳлили таъсири коҳиши хароҷоти беасос барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти захираҳои табиӣ дар миқёси ҷумҳурӣ диққат дода, имкониятҳои иқтидори содиротии соҳаро тавассути ин афзоиш арзёбӣ кард.

6. Параграфи 1.3 ҷанбаҳои иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар кишварҳои хориҷӣ дар ҳаҷми 15 саҳифа оварда шудааст, аммо хулоса ва тавсияи муаллиф пайгирӣ карда намешавад.

7. Муаллиф ба зарурати ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияи муосир барои коркарди захираҳои табиӣ дар корхонаҳо ишора мекунад. Аммо зарур буд, ки муқаррароти методӣ оид ба ташкили истифодаи оқилонаи коркарди захираҳои табиӣ таҳия карда шаванд (саҳ.68-69).

8. Дар боби 2-уми диссертатсия таҳлили истифодабарӣ ва арзёбии иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон (саҳ 54-101) оварда шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф дар мисоли як ё ду кон баҳодиҳии самараноки онро бо таҳлилҳои мушаххас оварда, асоснок менамуд, боз ҳам мазмуну мундариҷаи диссертатсияи мазкурро бой менамуд.

9. Хеле ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ташкили шароит барои ҷалби маблағгузориҳо ба захираҳои табиӣ вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шавад.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Зуҳуров Бахтиёр Искандаровичро коҳиш намедиҳад. Дар умум, диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмом расида ҳисобида, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мегардад.

**13. Хулоса оид ба диссертатсия.**

Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи “Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли Вилояти Хатлон)”барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Зуҳуров Бахтиёр Искандарович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №4, аз 14.08.2025).

Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 10 нафар ходимони илмӣ иштирок доштаанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
«тарафдор» - 10 нафар,
«зид» - нест,
«бетараф» - нест

**Раиси ҷаласа,**
Мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Ахмедов Д. Ҳ.

**Ташхисгар,**
Ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Одиназода Ш.Т.

**Котиби ҷаласа,**
Ходими калони илмиишуъбаи омӯзиш ва мониторингисармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, номзади илмҳои иқтисодӣ — Маҳмудова Ш. Ҳ.

Имзои Д. Ҳ. Ахмедов, Ш.Т. Одиназода ва Ш. Ҳ. Маҳмудоваро тасдиқ мекунам:

Нозири кадрҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ — Икромова М.Қ.

Суроғаи институт: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳаёти –Нав 306. тел:236-92-01, fax: 236-37-67. **web-сайт: www.tniieosp.tj**
**E-mail: info@.tniieosp.tj**